«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
С.Наҷмиддинов
аз «21» январи соли 2013, №3-12а/10

«Тасдиқ карда шудааст»
бо Фармоиши
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «25» декабри 2012 №18-Ф

# ДАСТУРАМАЛ ДАР БОРАИ ҲИСОБКУНӢ ВА ПАРДОХТИ АНДОЗ АЗ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур дар асоси талаботи қисми 7 моддаи 268 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз воситаҳои нақлиётро (минбаъд-андоз) муайян менамояд.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

2. Андозсупорандагон шахсоне мебошанд, ки соҳиб ва (ё) истифодабарандаи воситаҳои нақлиёти дорои объекти андозбандианд.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

3. Объекти андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт мошинаҳо, ва механизмҳои худгард, воситаҳои шинокунанда ва локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда мебошанд, ки аз қайди давлатӣ гузаштаанд ва (ё) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифташудаанд.

4. Обектҳои андозбандӣ аз ҷониби Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёт Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ (ба ҳисоб) гирифта мешаванд.

5. Нагузаронидани бақайдгирии давлатӣ ва (ё) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта нашудани воситаҳои нақлиёт, инчунин

вайрон ё бо дигар сабабҳо истифода нагардидани воситаҳои техникӣ, ки аз қайди дар боло пешбинигардида гузаштаанд (ба ҳисоб гирифта шудаанд) барои аз ҷониби соҳибони чунин воситаҳои нақлиёт напардохтани маблағи андози пардохтшаванда асос шуда наметавонад.

**Мисол:** *ҶДММ «Ориён» дар ихтиёри худ 12 адад воситаи нақлиёти боркаш дорад аз ин шумора 4 –ададаш фаъолият намуда, боқимонда 8-адади дигараш бо сабабҳои вайрон ва ё бо дигар сабабҳо истифода нагардида истодааст.*

*Дар ин ҳолат ҶДММ «Ориён»-ро зарур аст, ки на аз 4 – адад воситаи нақлиёти фаъолияткунанда, балки аз ҳисоби 12- адад воситаи нақлиёти дар ихтиёр будааш андоз ҳисоб намуда пардохти онро ба буҷет дар муҳлати муқаррар гардида таъмин менамояд.*

**Мисол:** *Шаҳванд Насронов М. дар соли 2010 аз хочагии «Наврӯз» воситаи нақлиёти тамгаи "ГАЗ – 51"-ро харидорӣ намуд. Баъд аз хардорӣ намудан бо сабаби пурхароҷот буданаш аз тарафи шаҳрванд Насронов М. воситаи нақлиёт муддати 3 сол истифода карда нашуда фарсуда шудааст, ва дар маҳали бақайдгирӣ воситаи нақлиёт муоинаи ҳарсолаи техникиро нагузаштааст.*

*Новобаста аз он, ки Насронов М. муоинаи ҳарсолаи техникиро нагузаштааст, ӯҳдадории андоз ба зиммаи ӯ мемонад, яъне андоз аз воситаи нақлиётро барои 3 сол пурра пардохт менамояд.*

6. Аз қайди давлатӣ ва (ё) аз ҳисоб баровардани объекти андозбандӣ воситаҳои нақлиёт мувофиқи тартиб ва бо асосҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор гузаронида мешавад.

7. Мақомоти ваколатдор ухдадоранд, ки на зиёда аз 1 маротиба дар 5 соли тақвимӣ инвентаризатсияи ҳуҷҷатии объектҳои андозбандиро гузаронанд .

**Мисол:** *Шаҳрванд Бекназаров М.А. соли 2009 аз шаҳрванд Нозимов С .Т. воситаи нақлиёти мусофиркаши тамгаи ГАЗЕЛ харидорӣ намуд. Шаҳрванд воситаи нақлиётро солҳои 2009 -2010 истифода намуд ва дар ҳамин давраҳо пардохти андозиро ба буҷет таъмин намуд. Бо сабаби корношоям гардидани воситаи нақлиёт шаҳрванд дар солҳои 2011-2012 воситаи нақлиётро истифода накардааст дар ин ҳолат шаҳрванд вазифадор аст, ки пардохти пурраи андоз аз воситаҳои нақлиётро барои солҳои 2011-2012 ба баҷет таъмин намояд. Уҳдадории андозсупоранда дар сурати аз қайди давлатӣ баровардани воситаи нақлиёт тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор ба охир мерасад.*

## 5. МАНБАЪ ВА МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ

8. Иқтидори муҳаррики воситаҳои нақлиёт, ки бо воҳидҳои қувваи асп ифода ёфтааст, манбаи объекти андозбандӣ ба ҳисоб меравад.

9. Барои ҳисоб намудани андоз аз воситаҳои нақлиёт ва (ё) мошинҳо ва механизмҳои худгард бо дарҷ гардидани номгӯи воситаҳои нақлиёт барои 1 қувваи аспи иқтидори муҳаррик дар як сол чунин муқаррар карда мешавад:

| Номгӯи объектҳои андозбандӣ | Меъёри андоз бо фоиз нисбати нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо | 2,5 фоиз |
| Автомобилҳои сабукрав:<br>- то 250 қувваи асп<br>- аз 250 то 300 қувваи асп<br>- аз 300 то 350 қувваи асп<br>- зиёда аз 350 қувваи асп | 7,5 фоиз<br>10 фоиз<br>12 фоиз<br>15 фоиз |
| Автобусҳо (то 12 ҷой) | 7,5 фоиз |
| Автобусҳо ( барои 13-30 ҷой) | 8,5 фоиз |
| Автобусҳо (зиёда аз 30 ҷой) | 9,5 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш ва дигар воситаҳои нақлиёти иқтидори борбардориашон то 10 тонна | 11 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна) | 12,5 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна) | 13,5 фоиз |
| Автомобилҳои боркаш (иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна) | 14,5 фоиз |
| Тракторҳо, воситахои нақлиётии муҳаррикдор барои сохтмон, ба истиснои дар соҳаи хоҷагии қишлоқ истифодашаванда | 2 фоиз |
| Завраққо, киштиҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти худгарди шинокунанда | 15 фоиз |
| Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда | 1 фоиз |

*“Мисол: ҶДММ “Компон 555” дорои 3 адад воситаи нақлиёти дар қайди давлатӣ гирифта шуда мебошад, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти тамгаи “Lexus RX 450h” (Hybrid), “Cadillac XT5” ва “БМВ X6 xDrive50i”.*

*Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ барои соли тақвимии андоз меъёри нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба маблағи 50 сомонӣ муқаррар карда шудааст. Яъне, Ҷамъият уҳдадор аст, ки тибқи меъёрҳои муқаррargardida маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёт барои соли тақвимиро бо тартиби зайл ҳисоб намояд:*

*1) Тамғаи "Lexus RX 450h" (Hybrid) соли барориашаш 2013 бо иқтидори муҳаррик 249 қувваи асп:*

*50 сомонӣ X 7,5 фоиз = 3,75 сомонӣ*

*3,75 сомонӣ X 249 қувваи асп = 933,75 сомонӣ.*

*2) Тамғаи "Cadillac XT5" соли барориашаш 2016 бо иқтидори муҳаррики 314 қувваи асп:*

*50 сомонӣ X 12 фоиз = 6,0 сомонӣ*

*6,0 сомонӣ X 314 қ.а. = 1884 сомонӣ.*

*3) Тамғаи "БМВ X6 xDrive50i" соли барориашаш 2014 бо иқтидори муҳаррик 400 қувваи асп:*

*50 сомонӣ X 15 фоиз = 7,5 сомонӣ*

*7,5 сомонӣ X 400 қ.а. = 3000 сомонӣ.*

*Маблағи умумии ҳисобшудаи андоз аз воситаҳои нақлиёти ҶДММ "Компон 555" барои соли тақвимӣ аз ҳисоби воситаҳои нақлиёти дар қайд буда, дар маҷмӯъ 5817,75 сомониро ташкил медиҳад.";*

10. Ҳар сол то 1 феврали соли тақвимӣ вобаста ба намуди воситаҳои нақлиёт, мошин ва механизмҳои худгард дар сомонаи электронии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои андоз ҷойгир карда мешаванд.

## 5. ОЗОДКУНӢ

11. Аз андозбандӣ озод карда мешаванд:

а) тракторҳо, комбайнҳои муҳаррикдори ғаллағундорӣ ва махсус, комбайнҳои пахтачинӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешаванд;

б) автобусҳо ва тролейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи омма барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо истифода мебаранд;

в) воситаҳои нақлиёти тиббии махсус;

г) як автомобили (мотоколяска) бо даст идорашавандаи ба маъюб тааллуқдошта;

д) нақлиёти саноатии роҳи оҳан (ба истиснои локомотивҳо), вагонҳо, ҳавопаймоҳо ва аппаратҳои парвозкунанда;

е) як автомобил новобаста аз иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба он баробаркардашуда, иштирокчии дигар амалиётҳои ҳарбӣ доир ба муҳофизати ИҶШС аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши

амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчии барҳамдиҳии оқибатҳои фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил мебошад ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад;

ё) воситаҳои нақлиёти ҳарбии махсус ва техникаи ҳарбии махсуси ба ҳисобгирифташуда.

## 6. ТАРТИБИ ПАРДОХТИ АНДОЗ АЗ ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ

12. Андоз аз воситаҳои нақлиёт ба буҷети маҳаллӣ дар ҷои бақайдгирии воситаҳои нақлиёт дар мӯҳлати на дертар аз мӯҳлате пардохта мешавад, ки барои гузаштани бақайдгирӣ, аз нав бақайдгирӣ ё муоинаи ҳарсолаи техникии нақлиёти автомобилӣ муқаррар гардидааст.

Мухлати муоинаи ҳарсолаи техникии воситаҳои нақлиётро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

13. Барои сари вақт напардохтани андоз тибқи тартиб ва ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси андоз фоиз ва ҷаримаҳо ҳисоб карда мешавад.

14. Агар соҳиби пештараи воситаи нақлиёт барои соли мазкур андозро пардохта бошад, дар сурати аз нав ба қайд гирифтани воситаи нақлиёт андоз супорида намешавад.

15. Бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар хусуси супоридани андоз барои соли ҷорӣ бақайдгирӣ, азнавбақайдгирӣ ва муоинаи техникӣ гузаронида намешавад.

16. Соҳиби воситаи нақлиёт бе пардохти андоз барои соли ҷорӣ воситаи нақлиётро ҳуқуқи истифода бурданро надорад.

17. Ҳангоми мавҷуд набудани ҳуҷҷат дар хусуси гузаштан аз муоинаи ҳарсолаи техникӣ мақомоти ваколатдор аз соҳибони воситаҳои нақлиёт бояд ҳуҷҷати пардохти андозро талаб намояд.

18. Шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки то санаи 1 апрели соли ҳисоботи эъломияи андоз аз воситаи нақлиётро ба мақоми андози маҳали бақайдгирии воситаи нақлиёт пешниҳод менамоянд (Замима мегардад).

19. Мақомоти андоз вазифадор аст, ки назорати умуми пардохти пурра ва саривақтии андоз аз воситаҳои нақлиётро амалӣ намояд.

20. Мақомоти дахлдоре, ки ба зиммаашон бақайдгирӣ, баҳисобгирии давлатии воситаҳои нақлиёт вогузор шудааст, мутобиқи қисми 5 моддаи 268 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бақайдгирии воситаҳои нақлиёт ва маблағҳои пардохтшудаи андоз аз воситаҳои нақлиёт ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то санаи 1-уми апрели соле, ки баъд аз соли ҳисоботӣ фаро мерасад, дар бораи воситаҳои нақлиёте, ки ба санаи 31-

уми декабри соли ҳисоботӣ дар ин мақомотҳо ба қайди давлатӣ гузошта шудаанд, маълумот пешниҳод намоянд.